“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров доктори илмҳои таърих, профессор ________________
Усмонзода А.И.
“____” ________________ соли 2022

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзӯи “Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ).**

**1. Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини рушди бахшҳои гуногуни иқтисод, аз ҷумла соҳаи савдои чакана ин татбиқи технологияҳои рақамӣ ба ҳисоб меравад, ки зери таъсири омилҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад. Дар шароити имрӯза савдои чаканаро бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан амри маҳол аст. Чунки соҳаи савдои чакана яке аз соҳаҳоест, ки ба инноватсияҳо ва навгониҳои мухталиф тез мутобиқ мешавад. Дар мавриди саривақт ва дуруст татбиқ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар бозори муосири савдои чакана, дар баъзе аз субъектҳо бартарият дар назди рақибонашон пайдо мешавад.

Муаллифи диссертатсия комилан дуруст қайд менамояд, ки “дар адабиёти илмӣ муносибатҳои гуногун оид ба муайян кардани моҳияти мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” мавҷуданд, ки дар ҳар кадоми онҳо нуқтаҳои назари мухталиф эҳсос мегардад. Дар робита ба ин, мавҷудияти миқдори зиёди таърифи категорияи зикршуда зарурати баррасии равишу нуқтаҳои назари гуногунро бо мақсади бартараф намудани ихтилофоти истилоҳӣ мубрам мегардонад” (С. 13).

Боиси қайд аст, ки рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷомеа масъалаи хеле муҳим буда, он ба яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва идоракунии самаранок табдил ёфтааст. Истифодаи технологияҳои рақамӣ имконияти татбиқи технологияҳои инноватсионии мукаммал ва ташкили

раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини муваффақият ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдоро ба даст меорад.

Дар робита ба ин, муқаррароти илмию назариявӣ ва методии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана дар шароити амал ва рушди муносибатҳои бозорӣ, таҳлили амиқ ва таҳияи стратегияи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳоро ҳамчун яке аз омилҳои таъмини рақобатпазирии субъектҳои савдо бо дарназардошти ҷавобгӯ будан ба талаботи модели инноватсионии рушди иқтисодиёт тақозо менамоянд.

Таҳқиқи масъалаи мазкур дар шароити ҳукмронии технологияҳои рақамӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд, зеро он ба ҳадаф ва вазифаҳои стратегии кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 инъикос ёфтаанд, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло интихоби мавзуъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷоновичро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

## 2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда

Диссертатсияи Лутфулоев М.Д. дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонихои тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқат мекунад.

## 3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Дар диссертатсия заминаҳои назариявию методии ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳқиқ гардида, тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили ин раванд асоснок шудааанд.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои хусусиятҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- муаллиф заминаҳои илмию назариявии ташаккул ва рушди иқтисоди рақамиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, тамоюли ҷаҳони муосир дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ин рушди бесобиқаи технологияҳои

иттиллотию коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад, ки он асоси ташаккули шакли нави иқтисод, яъне иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия марҳилаҳои ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ муайян карда шуда, дар натиҷаи омӯзишу таҳлили нуктаҳои назари олимону коршиносон таърифи муаллифии он пешниҳод карда шудааст;

- хусусиятҳои хос ва самтҳои асосии рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чакана дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ асоснок шудаанд. Қайд гардидааст, ки дар савдои чакана дар фарқият аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт, технологияҳои рақамӣ бояд нисбатан фаъолтар татбиқ шаванд, зеро ин раванд ба қонеъ намудани тақозои ҳар як истеъмолкунанда таъсир мерасонад. Ба андешаи муаллиф, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ дар савдои чакана фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мегардад;

- бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳлили иқтисодӣ, арзёбии тамоюли рушд ва рақамикунонии равандҳои корӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд амалӣ гардидааст. Муайян карда шудааст, ки ҷараёни рақамикунонӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд доираи маҳдуди марказҳои нисбатан бузурги савдо ва равандҳои маҳдуди онҳоро фарогир мебошад. Ҷараёни рақамикунонии равандҳои тиҷоратӣ дар корхонаҳои хурд ва бозорҳо ба талаботи шароити муосири рушд ҷавобгӯ намебошад;

- аз ҷониби довталаб дар асоси гузаронидани назарсанҷии роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана ва пурсиши коршиносони соҳа, омилҳое, ки ба раванди рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд, ошкор ва гурӯҳбандӣ гардидаанд;

- самтҳои афзалиятноки рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд бо дарназардошти рақамикунонии равандҳои он асоснок гардидаанд: такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори истеъмолии шаҳр барои субъектҳои савдои чакана; амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии нархии молу хизматрасонӣ татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; рушди

иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана; дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана; такмили низоми ҷойгирсозии шаклҳои корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ва ғ;

- механизми рақамикунонии фаъолияти субъекҳои савдои чакана таҳия карда шуда, тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи онҳо пешниҳод гардидаанд. Ба сифати самтҳои афзалиятноки ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар шаҳри Хуҷанд чунин бахшҳо пешниҳод шудаанд: таъмини заминаи меъёрию ҳуқуқии гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ; рақамикунонии бахши воқеии иқтисодиёт; ташаккули инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; рушди иқтидори инсонии иқтисодиёти рақамӣ; таъмини кибербехатарӣ; ба роҳ мондани идеологии самараноки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ; гузариши рақамии бахши хизматрасонӣ, аз он ҷумла савдои чакана; ташаккули экосистемаи рақамӣ ва рушди салоҳияти рақамии кормандони савдои чакана.

## 4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии тахкикот дар он аст, ки дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба инкишофи назарияи иқтисоди рақамӣ ва савдои чакана мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани раванди рақамикунонии равандҳои кории фаъолияти субъектҳои савдои чакана бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти иқтисоди рақамӣ, аз он ҷумла рақамикунонии равандҳо дар корхонаҳои савдои чакана, ҳамчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши савдои чакана истифода шаванд.

## 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти рақамикунонии субъектҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи рушди савдои чакана эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: усулҳои индуксия ва дедуксия, иқтисодию оморӣ, қиёс, ҳисобию конструктивӣ, тавозунӣ, графикӣ, монографикӣ, экспертиза ва пурсиши иҷтимоӣ.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

## 6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 155 саҳифа оварда шудааст ва 12 ҷадвал ва 20 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 198 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи

ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд (с. 3-11).

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои илмию назариявии ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ» – заминаҳои иқтисодию ташкилии ташаккули иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои хоси рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ дар робита бо таҷрибаи хориҷии рақамикунонии равандҳои савдои чакана муайян гардидаанд. (С. 12-55).

Дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки дар шароити муосир технологияҳои рақамӣ ба заминаи асосии рушди устувори иқтисодии кишварҳои пешрафтаи дунё табдил ёфтаанд. Воқеан рақамикунонии иқтисодиёт хеле муҳим аст, чунки такя ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва идоракунии самаранок боқӣ мемонад.

Дар диссертатсия муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявии мафҳуми иқтисоди рақамӣ дар асарҳои олимони шинохтаи илми иқтисод ва созмонҳои байналмилалӣ ба хулосае омадааст, ки аксари олимони ватанӣ ва хориҷӣ ин мафҳумро бо категорияҳои "иқтисоди иттилоотӣ", "иқтисоди шабакавӣ", "интернет-иқтисод" ва "иқтисоди электронӣ" баробар медонанд. Баъзан, ин категорияҳо бо мақсади нишон додани падидаҳои нав дар иқтисод ҳамчун ҳаммаъно баррасӣ мегардад, ки бо пайдоиш ва ташаккули шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ, паҳншавии васеи компютерҳо, таҳия ва такмили доимии таъминоти барномавӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд. (С.13-17)

Вобаста ба мақсади вазифаҳои муайяншуда, дар диссертатсия хусусиятҳои хос ва самтҳои асосии рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чакана дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ асоснок шудаанд. Ба андешаи муаллиф, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ дар савдои чакана фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мегардад (С. 21-31).

Ба андешаи муаллиф, технологияҳои рақамӣ чунин рафтори харидорони чаканаи имрӯзаро тағйир медиҳад: усулҳои амалӣ намудани харид дигаргун

шуда, харидорон бештар ба савдои электронӣ, аз он ҷумла ба истифодаи замимаҳои мобилӣ таваҷҷуҳ мекунанд; смартфонҳо ба “дӯсти наздик ва беҳтарин”-и харидорон табдил меёбанд; яке аз принсипҳои асосии истеъмолгарон зимни хариди мол соддагардонии ҳамаи равандҳо мегардад; шабакаҳои иҷтимоӣ ба интихоби харидорон бештар таъсир хоҳанд расонид; истеъмолкунандагон омода мешаванд, ки ба дастраснамоии тези молҳо маблағи иловагиро диҳанд (С. 35-42).

Дар боби дуюми таҳқиқот «Тамоюли рушди савдои чакана ва сатҳи рақамикунонии он дар шаҳри Хуҷанд» – таҳлили вазъи рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд амалӣ гардонида шуда, тамоюлҳои рушди рақамикунонии равандҳои корӣ дар корхонаҳои савдои чакана ошкор шудаанд. Ҳамчунин дар ин фасл таъсири омилҳо ба раванди рақамикунонии савдои чаканаи шаҳр муайян гардидаанд. (С. 56-88).

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳамияти амалӣ мебошанд, зеро дар доираи он вазъи муосир, тамоюл ва хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд дар робита бо тағйирёбии дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии шаҳр дар солҳои 2000-2020 мавриди таҳлил қарор гирифтааст (С. 56-68).

Довталаб дар ин бахш таъсири як қатор омилҳое, ки ба раванди рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд, ба монанди маҳдуд будани буҷети корхонаҳо арзёбӣ намуданд, мавҷуд набудани стратегияи таҳияшудаи рушди рақамии корхонаҳои савдо, мавҷуд набудани устувории молиявӣ, ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои мутобиқ шудан ба муҳити рақамӣ, сатҳи пасти маърифати рақамии коргарон, сатҳи пасти омодагии корхонаҳои савдо ба гузариши рақамӣ, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, нокифоягии танзими меъёрӣ ва гайраро ошкор ва гурӯҳбандӣ гардидаанд, ки садди роҳи пешрафти босуръат ва устувори савдои чакана мебошанд (С. 89-99).

Муаллиф қайд намудааст, ки аксари субъектҳои савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд ба татбиқи технологияҳои инноватсионию рақамӣ машғул нестанд ва ё фаъолияти на он қадар самаранок доранд. Ба андешаи муаллиф, сабабҳои асосӣ ин кам маълумот доштан аз ин гуна дастовардҳо, надоштани маҳорат ва малака ва мавҷуд набудани захираҳо мебошад. Аксаран татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо барои роҳбарият мақсади аввалиндараҷа ба ҳисоб намеравад,

чунки дониши онҳо оид ба имкониятҳои технологияҳои муосир маҳдуд аст. Илова бар ин, мумкин аст, ки дар роҳбарият маҳорати амалӣ доир ба татбиқи инноватсияҳо мавҷуд набошад.

Муаллиф иброз медорад, ки новобаста аз мушкилоти мавҷуда, дар соҳаи савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд, дар самти рақамикунонии равандҳои савдою технологӣ баъзе пешравию тамоюлҳои мусбат низ ҷой доранд. Раванди рақамикунонии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана бештар дар шаклҳои муосири корхонаҳои савдо, ба монанди супермаркетҳо ба чашм мерасад.

Бо мақсади муайян намудани тамоюлҳои асосии раванди рақамикунонии равандҳои тиҷоратии корхонаҳои савдо, аз ҷониби муаллиф таҳлили фаъолияти 3 супермаркете (ҶДММ "Амид", ҶДММ "Анис" ва ҶДММ "Сабзина"), ки дар бозори савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд алҳол мавқеи хос дорад гузаронида шудааст

Ба андешаи муаллиф, дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ истифодаи афзорҳои иқтисодию риёзӣ ва оптимизатсионӣ дар раванди идоракунии соҳаҳои мухталиф ба ҳисоб меравад.

Бо ин мақсад дар диссертатсия функсияи мақсадноки амсилаи ба ҳадди аксар (максимум) расонидани даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои корхонаи савдо дар шароити ҷалби технологияҳои рақамӣ пешниҳод шудааст (С. 76-79).

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ «Самтҳои асосии рушди раванди рақамикунонии савдои чакана» – самтҳои асосии дурнамои рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити иқтисоди рақамӣ асоснок гардида, принсипҳои асосии стратегияи рақамикунонии корхонаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин раванди ташаккули экосистемаи рақамӣ ҳамчун омили баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои савдо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (С. 88-123).

Дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд бо дарназардошти рақамикунонии равандҳои он асоснок гардидаанд: такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори истеъмолии шаҳр барои субъектҳои савдои чакана; амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии нархии молу хизматрасонӣ; татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана; дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана; такмили низоми ҷойгирсозии шаклҳои

корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ва ғ (С. 89-99).

Муаллиф дар диссертатсия дар асоси таҳлили таъсири мусбат ва хавфҳои истифодаи технологияҳои рақамии муайянгардида, инчунин омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта дар самти рушд ва ҳавасмандгардонии рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, самтҳои афзалиятнокро дар раванди ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар шаҳри Хуҷанд пешниҳод шудааст.

Ба андешаи мо, татбиқи самтҳои асосии дурнамои рушди савдои чакана ба баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдо ва таъмини рақобатпазирии субъектҳои савдои чакана мусоидат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулоса ва тавсияҳои судманд барои рушди оянда объекти таҳқиқот анҷом мёбад, ки асоснок мебошанд (С. 124- 129).

## 7. Эроду тавсияхо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи Лутфулоев М.Д. чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни баррасии масъалахои илмию назариявии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар субъектҳои савдои чакана таъсири баланд бардоштани саводнокии рақамии ҷомеаро низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод.

2. Дар диссертатсия ҳарчанд ба омӯзиш, таҳлил ва истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷии татбиқи технологияҳои рақамии субъектҳои савдо ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ таваҷҷӯҳи зарурӣ дода шуда бошад ҳам, пешниҳодҳои мушаххас доир ба татбиқи он дар соҳаи савдои шаҳри Хуҷанд кам ба назар мерасад.

3. Новобаста аз он, ки рисола дар мисоли шаҳри Хуҷанд омода шудааст, дар боби дуюми диссертатсия муаллиф ба таҳлил ва муқоисаи тамоюли рушди рақамикунонии савдои чакана дар минтақаҳои дигари кишвар, аз он ҷумла дар шаҳри Душанбе низ бояд диққати бештар равона мекард.

4. Дар боби сеюми диссертатсия зимни таҳияи самтҳои асосии стратегияи рақамикунонии корхонаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд муаллиф бояд ба

масъалаи муайян кардани ҳаҷми маблағгузорӣ барои татбиқи технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд.

5. Дар диссертатсия ва автореферати он баъзе хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасад.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Лутфулоев М.Д.-ро коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Номгӯи интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 25 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шуда буданд.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## 10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида

Диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааast, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 1, аз 29 августи соли 2022).

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи идоракунии
иқтисодиёт ва маркетинг,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Сатторова М. Р.

**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Ишонова С.С.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.п., дотсенти кафедраи
идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Қодирова Г.А.

*Имзоҳои Сатторова М.Р., Ишонова С.С., Қодирова Г.А.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо в корҳои махсуси
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Наврӯзов Э. М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39;
Факс: 6 75 18; E-mail: rector@mail.ru